# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи “Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (*дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев*)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар адабиёти муосири тоҷик нақшу мақоми нависандагони публитсист хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Онҳо дар мактаби эҷодии поягузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ ба камол расида, бо тамоми неруи халлоқа дар бунёди асосҳои ин навъи барои ҷомеа муҳим саҳми хоси хешро мегузоранд. Публитсистика ба унвони як самти асосии ин адабиёт инкишоф ёфта, нависандагоне ба миён омаданд, ки бо эҷоди осори худ дар ривоҷи ин навъи адабӣ тахассус пайдо карданд ва асарҳои ҷолиб офариданд. Дар ҳамин замина, нақду таҳқиқи ин навъ ҳам ба миён омада, дар адабиётшиносии тоҷик муҳаққиқоне дар ин самт ба омӯзиши масъалаҳои осори публитсистӣ пардохтанд. Аз ин лиҳоз, ба мавзӯи “Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (*дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев*)” навиштани рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Иноятова Зебинисо Подабоновна шоистаи таҳсин ва дастгирист.

Тавре аз таҳқиқоти мавриди назар бармеояд, масъалаи воқеият ва бадеият дар насри публитсистӣ, хусусан, дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев, аз чанд ҷиҳат мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирад. Дар ин маврид ба омӯзиши масъалаи нақши ноқил дар осори публитсистии нависанда пардохтани муҳаққиқ аз аҳамияти хос бархӯрдор мебошад. Таҳқиқу баррасии ин мавзӯъ бештар бо бозтоби масъалаҳои воқеият ва бадеият, таносуби онҳо дар осори публитсистӣ, нақши тасаввур, тасвир ва инъикоси онҳо дар навиштаҳои адиб, симои ӯ чун қаҳрамони бевоситаи воқеаҳо асоси меҳвари гуфтугӯи муаллифи рисола будааст.

Дар баёни масъалаҳои ёдшуда муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки нақши ноқил дар асарҳои нависанда аз чанд ҷиҳат, бахусус, дар шаклгирии сужа, тарзи сужасозӣ, сохтору тасвирсозии ӯ ва ҳолату вазъи рӯҳии қаҳрамонон муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, диссертант нақши ноқилро дар осори публитсистӣ ва тафовуту умумиятҳои он дар асарҳои адабии нависанда муайяну мушаххас намуда, таассуроти нависанда аз воқеияти аслӣ ва тарзи тасвири ӯро дар асарҳои бадеию

публитсистӣ ба таҳқиқ кашидааст ва бартарии тасаввур, тасвир ва инъикоси воқеиятро дар асарҳои мустанади адиб махсус қайд менамояд, ки ин ҳам табиӣ ва ҳам мантиқӣ ба назар мерасад.

Дар диссератсия нависанда дар ҳолатҳои ёдшуда ноқили воқеаҳо дар баёни норасоиҳои ҷомеа, шахси мушоҳидакор ва иштирокчии бевоситаи воқеаҳои мустанади насри реалистӣ буда, андешаву орояш ҳам дар ҳалли масъалаҳо саҳим мебошанд.

Автореферати рисола муҳтавои рисоларо фаро гирифтааст. Забону баёни автореферат дар сатҳи илмӣ буда, муаллиф дорои лаёқати баланди пажӯҳишӣ мебошад.

Боби аввали диссертатсия "Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев" ном дошта, дар он тасвирҳои пуробуранги ноқил, суханпардозиву мунаққаш гардонидани фикр барои бунёди асар дар осори Ф. Муҳаммадиев мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар зерфаслҳои боб диссертант баъд аз пажӯҳишоти илмӣ доир ба шинохт ва симои ноқил дар осори публитсистии нависанда ва нақши тасаввур ва тасвир дар инъикоси фаъолияти шахсиятҳои фарҳангӣ ибрози назар намудааст.

Дар боби дуюм "Симои муаллиф дар партави воқеияти асарҳои нависанда" бештар ба асарҳои публитсистие эътибор дода шудааст, ки муаллиф дар ҷараёни воқеа иштирок дошта, дар онҳо муаллиф бештар мушоҳидагар, нақлкунанда ва баҳогузору ҳукмкунанда мебошад. Дар фасли якуми ин боб "Мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва масъалаҳои адабиёту санъат" бештар ба андешаҳои назарии муҳаққиқон Г. Боровик, В. Ученова, И. Усмонов, А. Саъдуллоев ва дигарон такя шудааст. Яъне, дар ин қисмат диссертант бештар ба он кушидааст, ки симои нависандаро дар асарҳое мавриди таҳқиқ намо диҳад, ки бевосита иштирокчии он аст. Адиб ҳамчун рӯзноманигор дар таҳлилу баррасии мактубу шикоят ва бо супориш сафар намуда, дидаву шунидаҳояшро ба рӯи коғаз овардааст. Ҷиҳати хоси ин навиштаҳо дар он аст, ки нависанда ҳама чизро ба таври дилчасп ба тасвир гирифтааст ва нақли тасвирӣ шеваи писандидаи ӯст. Масъалаи инсонгарӣ, меҳнати ҳалол, мубориза бар зидди ҳаромкорӣ ва тарбияи фарзанд, ки давоми умри инсон аст, дар навиштаҳои ӯ мақоми муҳим доранд. Аз ин ҷост, ки диссертант низ бештар ба ин ҷанба

таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Фасли дуюми боби дуюм «Дидгоҳи муаллиф - ноқили воқеаҳо ба мушкилот ва проблемаҳои ҷомеа» номгузорӣ шуда, бо дарназардошти дахолати нависанда бо воқеаҳо, фикру мулоҳизаҳои ӯ ба воқеаи тасвиршуда ҳамчун мулоҳизоти шахсии ӯ роҷеъ ба воқеаҳо таҳлил мешавад. Дар фасли сеюми боби дуюм "Накши мушоҳида дар ташаккули нақли муаллиф" дар бораи далелу асноду факт чун ҷузъи бунёдии насри воқеъгароёна сухан меравад ва муаллиф бо ин асноди воқеӣ мушоҳидаҳояшро таҷзияи хосе медиҳад ва низ таъкид мешавад, ки мушоҳида ва мавқеи равшани муаллиф як рукни аслии насри мустанад ба шумор меравад, ки таърихи садсолаҳоро дар бар гирифта метавонад.

Боби сеюм «Хислатҳои вижаи ноқили воқеаҳо ва услуби нигориши нависанда» номгузорӣ шуда, дар фасли аввали он «Муаллиф иштирокчии воқеаҳо дар насри воқеъгароёна» дар бораи инъикоси ҳаёти мардуми деҳот сухан меравад, ки боиси ривоҷ ёфтани очерки проблемавӣ гардидааст. Дар ин навъи очерк бештар хислату табиати инсонҳои роҳбарикунанда, роҳбарони ҳақиқӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Фасли дуюми ин боб "Муаллиф - андешапарвар дар осори публитсистиву бадеӣ" ном дошта, диссертант аз он нуктаи назар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки ҷанбаи ҷолибу пуртаъсири публитсистикаро гӯё хосияти фалсафии он ташкил медиҳад ва андешаву фикр дар ин ҳолат омиле мешавад, ки хонандаро ба қазовату баҳодиҳӣ водор менамояд. Яъне, ба андешаи муҳаққиқ хосияти амиқи публитсистика дар ҳошияи воқеият нигоҳ доштани ҷанбаи ахлоқиву тарбиявӣ ба шумор меравад. Ин рисолатро боз ҳам адиб бо шеваи махсуси баёну тасвирҳо ба иҷро мерасонад. Фасли сеюми боби сеюм "Уфуқҳои инъикоси бадеии воқеият дар жанрҳои ҳаҷвии публитсистика" унвон дошта, он қисмату таълифоти Ф. Муҳаммадиев, ки аз ҳазлу шӯхӣ, шакарханду нешханд, кинояву истеҳзои нишонрас иборат буда, услуб, лаҳни гуфтори ӯро ҷаззоб намудаанд, мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Диссертант дар охир хулоса ва натиҷагириҳоеро, ки аз масъалаи таҳқиқи ноқил дар осори публитсистии Ф. Муҳаммадиев анҷом дода шудаанд, дар ҳафт банд ҷамъбаст намуда, дар он фикру андешаҳои худро асоснок намудааст.

Сарфи назар аз пажӯҳиши анҷомёфта, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Дар автореферат пужӯҳиши на ҳамаи олимони соҳа вобаста ба мавзӯъ нишон дода шудааст.

2. Дар охири фаслу бобҳо хулосаҳои мантиқӣ бояд мукаммал карда мешуданд.

3. Дар баъзе ҷумлаҳо хатоҳои услубӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои баёншуда арзиши илмии авторефератро кам намекунанд ва авторефарати рисолаи илмии Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи **“Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (*дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев*)”** бо муҳимият, навгониҳои илмӣ, тарзи таҳқиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10-Рӯзноманигрӣ мебошад.

Сардори Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ Э.Сафарзода

Индекс:734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13а.
Тел.: (992) 946-40-40-40
E-mail: Ehson.89@mail.ru

Имзои Эҳсон Сафарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.Расулзода.

02.11.2020